УДК - 338
ББК 65.32

# ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ САБЗАВОТҲО ВА ДУРНАМОЮ РУШДИ ОНҲО

***Бобоҷонова Зарринa Ғаниевна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи маркетинг-агробизнеси ДДҲБСТ, e-mail:zarrina.79@mail.ru (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ЭКСПОРТНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ОВОЩНОГО ПОДКОМПЛЕКСА И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ

***Бабаджанова Зарринa Ганиевна*** *– кандидат эканамических наук, доцент кафедры маркетинга-агробизнеса ТГУПБП, e-mail:zarrina.79@mail.ru(Таджикистан, Худжанд)*

# EXPORT POTENTIAL OF THE VEGETABLE SUBOMPLEX AND ITS PROSPECTS DEVELOPMENT

***Babajanova Zarrina Ganievna*** *- Candidate of Economical Sciences the Department Marketing – Agribusiness of TSULBP, e-mail: zarrina.79@mail.ru (Tajikistan, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:*** *навъи зироатҳои полизӣ, механизатсия, меҳнати дастӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, гармхона, сардхона.*

*Дар мақола натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ оварда шуда, оид ба парвариши зироатҳои сабзавотӣ аз қабили картошка, пиёз, сабзӣ, лаблабу, помидор, бодаринг ва дигар намудҳои зироат, тарзи кишткардан, иҷрои корҳои агротехникӣ, истифодаи механизатсия ва техникаҳои муосири замонавӣ дар хоҷагиҳо маълумот дода мешавад. Интихоби навъ ва намуди зироати полизиҳо омили асосии фаровонҳосилии зироатҳо ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова:*** *сорта овощных культур, механизация, ручной труд, садоводство и виноградарство и их сочетание с овощеводством, теплицы, холодильные камеры.*

*В статье рассматривается выращивание в дехкано-фермерских хозяйствах районов и областей республики сочетания овощных культур и их производство с другими культурами растениеводства, потребность и затраты ручного труда при производстве качественной продукции. Применение механизации, новой техники и технологий при производстве высококачественной продукции плодоовощной продукции для нужд и удовлетворения потребностей внутреннего рынка и экспорта экологической чистой продукции является необходимым условием повышения производительности труда.*

***Key words:*** *varieties of vegetable crops, viticulture, their combination with vegetable growing, storage of products*

*This article examines the areas of the combination of vegetable crops , the needs and costs of manual labor in the production of high-quality products.The using of mechanization and new equipment and technology in the production of high-quality products, fruits and vegetables for the needs and satisfaction of the needs of the manual market and the export of organic products.*

Сабзавоткорӣ яке аз соҳаҳои асосии сохтормуайянкунандаи соҳаи растанипарварӣ ба ҳисоб рафта, барои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои хоку иқлимӣ, таҷрибаи бой ва усулҳои анъанавии парвариши намудҳои сабзавотӣ мавҷуд аст. Баробари ин раванди рушди иҷтимоию иқтисодии омилҳо ва тағйиротҳои кулли соҳаро талаб менамояд, аз он ҷумла тағйироти технология, дараҷаи интенсивикунонӣ, сохтори соҳавӣ ва ҷойгиркунонии соҳавиро ташкили технологияи нав бо дараҷаи баланди механикунонӣ ва автоматизатсияи дар ҷараёни истеҳсолӣ, ки ба пастшавии қувваи корӣ мусоидат менамояд. Ҷамъоварии маҳсулоти сабзавотӣ бо мошинҳову механизмҳо самаранок буда, лекин талаботҳои муайяни элементҳои технологиро талаб менамояд (навъ, намуд, шаклдиҳӣ) ҷорӣ карда мешавад, дар ҳамон ҳолате, ки маҳсулот барои коркард равона карда шавад. Дар асоси ин дар таҷриба махсусгардонӣ дар соҳаҳои истеҳсолот ҷорӣ карда мешавад. Ба намуд ва навъи омехтани

зироати сабзавотӣ дар комплексҳо диққати махсус дода мешавад барои он ки интихоби дуруст сарфаи ками қувваҳои меҳнатиро дар истеҳсоли онҳо таъмин менамояд.

Чуноне ки маълум аст, сабзавоткорӣ қувваи зиёди меҳнати дастиро талаб менамояд. Норасогии қувваи корӣ ба тағйирдиҳии усулҳои нави парвариш, мӯътадилгардонии ҳосил бо ёрии воситаҳои ҳифзи химиявӣ ва дигар усулҳоро талаб менамояд.

Тағйиротҳои нав дар мезанизми иқтисодӣ оид ба худ сарфапӯшкунонӣ ва худмаблағгузории комплексҳо ба пеш аз ҳама, маблағгузории васеъ, самаранокӣ ва интенсивикунонии истеҳсолот ва истеҳсолро дар ҳудуди сохтори соҳавиро талаб менамояд. Норасоии захираҳои меҳнатӣ ва талаботи зиёд ба сабзавотҳо талаб менамояд, ки ҳавасмандкунии мусоидро истифода барем. Барои таъмини ҳаҷми зарурии итеҳсолот бояд шаклҳои нави ташкили ва пардохти музди меҳнатро ҷорӣ бояд намуд.

Дар ҳолати муайяни давраи техникию технологӣ ва ташкили иқтисодӣ омилҳое омезиш меёбанд, ки аз муаммо ва рушди соҳаҳои алоҳида вобастагӣ дошта, усули ҷории дифференсиалӣ омӯзиш, таҳқиқ ва идоракуниро талаб менамояд. Дар давраи ҳозира нигаҳдории фонди биологӣ дар дараҷаи лозима барои интенсивнокӣ ва самаранокии рушди соҳаи сабзавоткорӣ мусоидат менамояд.

Аз ҳисоби азнавкунии намуд ва сохтори навъҳо ҷорӣ намудани шаклдиҳии прогресивии боздошти синнусолии беҳтарини сохтор мумкин аст, кафолати ҳосили баланди маҳсулот бо сифати баланд бо кам намудани арзиши маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии меҳнат мусоидат намояд. Алоқаи мустаҳкам байни ин омилҳо ва самаранокии иқтисодии истеҳсолот, тамоюли тағйирёбии майдони кишт, истеҳсолот ва ҳудудҳои алоҳида омӯзиши комплексии ин масъалаҳоро ба миён меорад. Ин аз як тараф, барои муайян намудани муаммоҳо ба ҳар намуд истеҳсолот ҷудогона ва аз тарафи дигар ҷудо намудани сарҳади рушди соҳаи ояндадори зироатҳоро нишон медиҳад. Барои ин мақсад тадқиқот оид ба тақсимоти сабзавотҳои истеҳсолшуда бо самти фурӯшро омӯхт.

Барои ноилшавӣ ба натиҷаи ниҳоӣ ва хулосабарорӣ дар асоси баҳои миқдорӣ ва муқоисаи таъсири омилҳои алоҳида дар истеҳсолоти сабзавоткорӣ ҳолати ин соҳаҳо кушода шуда, ин имкон медиҳад ба тағйиротҳои ояндаи соҳа оварда расонад.

Парвариши сабзавотҳои барвақти мувофиқи маълумотҳои оморӣ танҳо бо як самти истеҳсоли алоқаманд аст. Ба муқоиса бо дигар кишварҳо шароити табии Тоҷикистон барои парвариши сабзиши сабзавоти барвақти мусоидат менамояд, новобаста аз ин, дар давраҳои охирин истеъмоли сабзавоти тару тоза доимо зиёд шуда, ҳаҷми содироти он ду маротиба кам шудааст.

Сабабҳои нопурра истифодабарии шароитҳои мусоиди табӣ дар кишварамон чунинанд; ба таври кофӣ рушд накардани рушди прогресси илмӣ-техникӣ дар сабзавоткорӣ барои истеъмоли тару тоза; ҷараёни сусти тағйироти хаттии технологии истеҳсолот ва сохтори нобаробарии таъминоти захираҳо; камшавии миқдори кормандони ба соҳа вобасташуда ва ивазкунии ин ба воситаи ҷараёни механизатсияи истеҳсолот; дар натиҷаи ба таври комплексӣ ҷорӣ намудани комплексҳои механикикунонидашуда барои маҳсулотҳои кишоварзӣ дар натиҷа захираҳои меҳнатӣ барои истеҳсоли сабзавоти барвақтӣ лозима норасогӣ дида мешавад (қувваҳои меҳнатӣ).

Махсусгардонии хоҷагиҳо ва якҷоякунии кишти зироатҳои сабзавотӣ барои шароитҳои мусоидаткунандаи парвариш барои ҷорӣ намудани механизатсияи комплексӣ ва усулҳои прогрессивии агротехникӣ, инчунин самаранок истифодабарии қувваҳои коргарон ва кам намудани арзиши аслии маҳсулот.

Зироатҳои сабзавотӣ бояд дар заминҳои обёришаванда ҷойгир карда шуда, киштгардонии зироатҳо риоя карда шавад, кадоме вақтҳои охир дар хоҷагиҳо дида намешавад ё худ нодуруст ба роҳ монда шудааст. Ба дастовардани ҳосили баланди зироатҳои сабзавотӣ аз майдони муайян ҳамон вақт мушоҳида мегардад, ки дар хоҷагиҳои калони механикикунонидашуда ва дуруст ба роҳ мондани намуди зироатҳои соҳа муайян карда шудааст, ки мақсаднок ба роҳ мондани кишти зироатҳои сабзавоткорӣ бо чорводории ширдеҳ, инчунин дар хоҷагиҳои наздишаҳрӣ, ки қариб 75 фоизи истеҳсолоти сабзавотӣ ҷойгиранд баробари сабзавоткорӣ ва парвариши чорвои ширдеҳ, рушди боғу токпарварӣ ва дигар соҳаҳои интенсивӣ мушоҳида мегардад. Чунин ҷойгиркунонии соҳаҳо муайян карда нашудаанд.

Сабзавоткорӣ-соҳаи меҳнатталаби соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, сарфи қувваи меҳнати зиёд барои парвариш ва дар як вақт ҷамъоварӣ карда нашудани маҳсулотҳо ба монанди помидор, бодаринг, сабзӣ, пиёз, шалғам лозим аст.

Қобили қайд аст, ки ба таври максималӣ истифодаи механизатсияи мавҷудбуда барои ҷамъоварии ҳосили сабзавотҳо 70 фоизи ҳамаи сарфаи меҳнатро ташкил медиҳад, барои зироатҳои помидор ва бодаринг бошад, қариб 90 фоизро ташкил медиҳад. Чунин ҳолат дар соҳаи токпарварӣ низ мушоҳида мегардад. Давраи истифодаи қувваи меҳнатӣ дар ин соҳаҳои қувваи меҳнатталаб ба

якдигар рост меояд. Бинобар он, соҳаи сабзаворкорӣ набояд бо соҳаи боғу токпарварӣ якҷоя карда шавад. Дар хоҷагиҳое, ки ниҳолҳои бисёрсола парвариш карда мешавад бояд кишт ва парвариши зироатҳои сабзавотӣ маҳдуд карда шаванд, кадоме ҷамъоварии ҳосили сабзавотӣ чиниши меваю ангур рост наояд.

Инчунин дар хоҷагиҳо ба роҳ мондани сабзаворкорӣ бо тамокупарварӣ ғайри қобил аст, чунки ин соҳаҳо ба якдигар муқобил (антогонист) ба ҳисоб рафта, барои парвариши кӯчатҳо майдони пӯшида (гармхонаҳо) ва қувваи меҳнати дастии зиёдро талаб менамояд. Хусусан бояд қайд намуд, ки якҷоякунии истеҳсоли сабзавотҳо ва лаблабуи қанд, ҷамъоварии ҳосили қулфинай. лаблабуи қандӣ ва кашонидани онҳо ва сабзавотҳои бевақтӣ (дерпаз) аз қабили сабзӣ, турб, шалғам рост меояд. Бинобар, он дар хоҷагиҳои лаблабу парваришкунанда сабзаворкорӣ ба дараҷаи дуввум меистад, хуб мешуд сабзавотҳои барвақтӣ ва миёнамӯҳлат пазанда кишт карда шавад аз қабили карами барвақтӣ, помидор, бодаринги барвақтӣ, пиёз ва сирпиёз.

Зироати (тути замини) земляника парвариши он бо зироатҳои сабзавотӣ рост меояд ва хело меҳнатталаб мебошад, бинобар он ин, барои зироати мазкур дар хоҷагиҳои алоҳида ё дар хоҷагиҳои сабзаворкорӣ ҳаҷми ками майдон ҷудо карда мешавад. Истеҳсоли қулфинайро бо миқдори ками зироатҳои сабзавотӣ; карами дерпаз, шалғам, помидори барвақтӣ ва дерпаз, сабзии барвақтӣ ба роҳ мондан лозим аст. Қайд намудан лозим аст, ки солҳои охир дар хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерии вилояту ноҳияҳои кишвари офтобиамон хело хуб парвариши сабзавотҳо, боғу токзорҳо ба роҳ монда шудааст, хоҷагиҳо ҳосили босифату фаровон ба даст меоранд, дар натиҷаи иҷрои корҳои агротехникӣ аз ҷиҳати илмӣ тавсияшуда ва ҳосилнокии картошка то 60т/га, пиёз то 45-50т/га, сабзӣ зиёда аз 40-45т/га ва ғайраҳо ин имкон медиҳад, ки бозорҳои дохили кишвар пурра таъмин карда шаванд ва маҳсулотҳои зиёдати, ба кишварҳои ҳамсоя ба содирот монда шавад. Инчунин бояд қайд намуд, ки солҳои охир дар тамоми ноҳияҳои кишварамон хоҷагиҳо ба бунёди гармхона ва сардхонаҳоро ба роҳ мондаанд. Дар гармхонаҳо тамоми фасли сол навъҳои помидору бодаринг парвариш карда мешавад, хусусияти гармхонаҳо дар он аст, ки иқлим-гармӣ, намнокӣ ва озуқадиҳию мубориза бар зидди касалиҳо ба танзим даровaрда мешаванд ва ба таври автоматӣ бо таҷҳизотҳои замони муосир таҷҳизонида шуда, ҳосили фаровони босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза мерӯёнанд, ки талабот ба ин намуди маҳсулотҳои сабзавотӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Дар сардхонаҳои замонавӣ маҳсулотҳо захира карда шуда, бо технологияҳои инноватсионии муосир ҷиҳозонидашуда дар мӯҳлатҳои муайян аз нобудшавӣ эмин нигоҳ дошта мешавад. Дар мӯҳлатҳои муайян талаботи истеъмолкунандагон қонеъ гардонидашуда қисми маҳсулотҳо содирот карда мешавад, дар натиҷа даромади иқтисодии хоҷагиҳо зиёд гардида самаранокии истеҳсолот мушоҳида мегардад.

Инчунин, хоҷагиҳо асосан хоҷагиҳое, ки замини обёришаванда доранд, аз як замин ду-се ҳосили фаровони босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза ба даст меоранд. Байни қатори боғу токзорҳо низ самаранок истифода бурда мешавад. Иқтидори потенсиалии содироти меваю сабзавот сол аз сол зиёд шуда истодааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Ятимов Р., Сафаров А. Реформирование собственности – главное условие перехода к рыночной экономики //Актуальные проблемы развития АПК республики. - Душанбе, 2000. - С.20-21.
2. Элмуродов З. Эффективность использования производственного потенциала в сельском хозяйстве//Эффективность сельскохозяйственного производства в условиях рыночных отношений. - Душанбе, 1994. – 105с.
3. Эргашев А.Э. Курс экономической теории: макроэкономика (на таджикском языке). – Душанбе, 1999. - 498с.
4. Элмуродов З., Абдалимов А. Статистическое измерение устойчивого развития сельскохозяйственного производства // Кишоварз. –Душанбе, 2003. - №2. - С. 45
5. Ушачев И.Г. АПК: Политика стабилизации экономического роста // Экономист. –М., 2000. -№3. - С.3-7.
6. Ушачев И.Г. Социально экономические проблемы развития АПК России// АПК: экономика, управление. -М., 2003. - С. 9-21.
7. Артемьев С.С. Формирования и развития акционерных обществ в условиях перехода к рынку. - М., 1994. -23с.
8. Асроров И.А., Эргашев А.Э. Аграрная реформа и её развитие в Таджикистане // Кишоварз. - Душанбе, 1997. -№1. - С.25-35.
9. Азимов А.Я. Социально-экономическое развитие Республики Таджикистан в 1992-1997 годах // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - Душанбе, 1998. -№1. - С. 65.

LITERATURE


1. Yatimov R. Safarov A. Property reform –the main condition for the transition to a market economy// Actual problems of the development of the agro-industrial complex of the Republic- Dushanbe, 2000-pp. 20-21
2. Elmurodov Z. Efficieny of the use of production potential in agriculture/ Efficieny of agricultural production in the conditions of market relations.-Dushanbe 1994.-105p.
3. Ergashev A.E. The course of economic theory macroeconomics(in tajik language).- Dushanbe 1999- 498p.
4. Elmurodov Z. Abdalimov A. Statistical measurement of sustainable development of agricultural production//Kishovarz.- Dushanbe 2003- №2. - P. 45
5. Ushahev I.G. APK: The agro-industrial complex Policy of stabilization of economic growth //Economist- M., 2000. -№3. –pp.3-7.
6. Ushahev I.G. Social-economic problems of the agro-industrial complex of Russia APK: Economics, management. -M., 2003. - pp. 9-21.
7. Artemov S.S. Formation and development of joint-stock companies in conventions crossing to the market. - M., 1994. –23 p.
8. Asrorov I.A. Ergashev A.E. Agrarian reform and its development in Tajikistan. Kishovarz.- Dushanbe, 1997. -№1. - pp.25-35.
9. Azimov A.Y. Social-economic development of the Republic of Tajikistan in 1992-1997s//The economics of Tajikistan. Development strategy.Dushanbe, 1998. -№1. - p. 65.